ПРОТОКОЛИ №170
маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-016

аз «04» феврали соли 2026 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд: аз 9 нафар аъзои шуро 9 нафар

Раиси шуро: Аз 9 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, №14/шд тасдиқ гардида ва бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05-уми январи соли 2026, №3/шд фаъолияти шурои диссертатсионӣ ба Таснифоти ихтисосхои илмии доктори фалсафа (PhD) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Феҳристи ихтисосхои илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқ гардонида шудааст, 9 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 8 нафарашон докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимояи иҷозат додани диссертатсияи Шарифзода Суҳроб Каримхон дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ.

ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Насиров Р., аъзои комиссия Пиризода Ҷ.С. ва Элмуродов Х.З. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Шарифзода Суҳроб Каримхон дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Шарифзода Суҳроб Каримхон дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Шарифзода Суҳроб Каримхон дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Арабов Фирдавс Пулодович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, муовини директор оид ба илм ва инноватсияи Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилали сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон;

– **Одиназода Шоҳин Талбак** – доктори илмҳои иқтисодӣ, муовини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон** тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 18-уми апрели соли 2026, соати 13.00 муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 9 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов З.Р.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов А.Х.

Имзои Шарифов З.Р. ва Олимов А.Х.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.